Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Суроға: 734025, ш. Душанбе, маҳаллаи
Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён,
бинои таълимии 7

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич ба диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур дар мавзуи «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур дар мавзуи «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) пешниҳод шудааст, ба ин бандҳои Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) мутобиқ аст: 1.2. Методологияи ташаккули нишондиҳандаҳои баҳисобгирӣ, ки дар сатҳи микро- ва макроиқтисод маҷмуи иҷтимоию иқтисодиро тавсиф мекунанд, 1.3. Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои мақсадноки баҳисобгирии муҳосибӣ, 1.5. Танзим ва стандартикунонии қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ҳангоми ташаккули маълумоти ҳисоботӣ, 1.6. Мутобиқгардонии низомҳои гуногуни баҳисобгирии муҳосибӣ, мувофиқати онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар муддати зиёда аз ду даҳсола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ чорабиниҳои зиёд амалӣ карда шудаанд, ки ҳадафи асосии онҳо мувофиқ намудани низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ бо талаботи иқтисодиёти бозорӣ ва татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) мебошад. Аз оғози ислоҳот

ҳамчун вазифаи асосии он ташаккули низоми нави қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва стандартҳои омодасозии ҳисоботи молиявӣ, ки истифодабарандагонро бо иттилооти муфид бояд таъмин кунанд, муқаррар гардида буд. Азбаски яке аз қитъаҳои муҳими баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ ин баҳисобгирии воситаҳои асосӣ мебошад, масъалаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ташаккули иттилоот оид ба объектҳои воситаҳои асосӣ дар ҳисоботи молиявӣ мушкилоти мубрами пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ ба ҳисоб меравад. Дарвоқеъ, дар ҳисоботи молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ ҳиссаи зиёди дороиҳоро воситаҳои асосӣ ташкил медиҳанд ва дар навбати худ, саҳеҳии маълумот оид ба воситаҳои асосӣ саҳеҳӣ ва эътимоднокии иттилоотро оид ба вазъи молиявии умумии корхона муайян мекунад.

Дар баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ мушкилоти назариявию методологӣ ва амалии баҳодиҳии воситаҳои асосӣ, муайян кардани хусусиятҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити СБҲМ ва ташаккулии иттилоот оид ба воситаҳои асосӣ дар ҳисоботи молиявӣ, инчунин мушкилоти баҳисобгирии муҳосибии барқарорсозӣ, таъмир ва истеҳлоки воситаҳои асосӣ масъалаҳои нисбатан мубрам мебошанд, ки аз ҳалли муносиби онҳо самаранокии низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, мавзуи дисертатсияи тақризшаванда, ки ба таҳқиқи масъалаҳои рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ бахшида шудааст, мубрам буда, таҳқиқоти дахлдор дар ин самт барои илми иқтисодӣ муҳим мебошанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Омӯзиш ва таҳлили муҳтавои дисертатсия нишон медиҳад, ки муаллифи он дар таҳия ва омода намудани навгониҳои илмии натиҷаҳои таҳқиқот ва муқаррар кардани нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муваффақ шудааст. Асоснок кардани ҷанбаҳои назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба ташкили баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ ва рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ ҷиҳатҳои асосии ифодакунандаи навгонии илмии таҳқиқот мебошанд. Натиҷаҳои муҳими таҳқиқот, ки **дорои навгонии илмӣ мебошанд**, аз ҷумла чунин ҷиҳатҳоро дар бар мегиранд (саҳ. 7-9):

- ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии дарки моҳияти иқтисодии воситаҳои асосӣ ҳамчун объекти муҳими баҳисобгирии муҳосибӣ таҳқиқ ва мафҳуми муҳосибии воситаҳои асосӣ дар тафовут аз истифодаи он дар илмҳои дигари иқтисодӣ аниқ карда шудааст, мақоми воситаҳои асосӣ дар

баҳисобгирии муҳосибӣ ва муҳимии масъалаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ муайян карда шудааст;

- масъалаҳои рушди усулҳои баҳодиҳии воситаҳои асосӣ аз нигоҳи таъсири арзиши онҳо ба нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаҳои муосир дар шароити СБҲМ таҳқиқ, аҳамият ва мубрамии онҳо дар низоми баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои тиҷоратӣ тасдиқ карда шуда, ҳамчунин хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар алоқамандӣ бо рушди методикаи баҳисобгирии онҳо дар шароити татбиқи СБҲМ муайян карда шудаанд;

- дар асоси таҳлили вазъи баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар партави муқаррароти СБҲМ мушкилоти робитаи байниҳамдигарии баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз ошкор ва арзёбӣ карда шудааст, аҳамияти баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ҳамчун пойгоҳи иттилоотии идоракунии воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ, воситаи таъмини истифодабарандагон бо иттилоот, аз ҷумла иттилоот дар бораи воситаҳои асосӣ барои тартиб додани ҳисоботи андоз (андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ) тасдиқ карда шудааст;

- мушкилоти муосири баҳисобгирии муҳосибии барқарорсозӣ ва навкунии воситаҳои асосӣ таҳқиқ карда шуда, роҳҳои беҳгардонии баҳисобгирии маблағгузории хароҷоти таъмири воситаҳои асосӣ, баланд бардоштани саҳеҳии инъикоси хароҷоти мазкур дар ҳисоботи молиявӣ муайян карда шуда, дар ин асос методикаи муносиби баҳисобгирии хароҷоти таъмири воситаҳои асосӣ таҳия карда шудааст;

- вазъи ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунии воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ таҳқиқ, ҷанбаҳои идоракунии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити татбиқи стандартҳои байналмилалӣ таҳлил ва арзёбӣ карда шуда, ҳамчунин роҳандозӣ намудани тадбирҳои зарурӣ барои беҳгардонии сиёсати истеҳлок дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ, аз ҷумла вобаста ба беҳгардонии тарҳҳои истеҳлок пешниҳод гардидааст;

- дар асоси такмили сиёсати истеҳлок ва мутобиқсозии он ба шароити корбурди СБҲМ роҳҳои такмили методикаи баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ муайян карда шуда, зарурати омӯзиши амиқи асосҳои методологии раванди такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ дар шароити муосир тасдиқ ва нақши тарҳҳои истеҳлок дар маблағгузории рушди иқтидори техникии субъектҳои иқтисодӣ муайян карда шудааст, тадбирҳои мушаххас барои пурзӯр намудани нақши сиёсати истеҳлок пешниҳод карда шудаанд;

- тасдиқ гардидааст, ки яке аз ҷиҳатҳои асосии мутобиқсозии низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба шароити СБҲМ ин такмили раванди

ташаккули иттилоот дар бораи воситаҳои асосӣ дар ҳисоботи молиявӣ мебошад ва дар робита бо ин мушкилоти асосӣ дар баҳодиҳии арзиши аввалии воситаҳои асосӣ ва корбурди мафҳуми арзиши барҳамдиҳӣ дар амалияи миллии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ муайян карда шуда, роҳҳои ҳалли онҳо аз ҷумла тавассути татбиқи методикаи таҳияшудаи ҳисобкунии маблағи истеҳлоки воситаҳои асосӣ бо назардошти арзиши барҳамдиҳӣ нишон дода шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот доир ба мавзуи таҳқиқот тасдиқ мегардад. Хулосаҳои аз натиҷаи таҳқиқот таҳияшуда, инчунин тавсияҳои амалии барои ташкили дурусти баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ ва ташаккули иттилоот оид ба воситаҳои асосӣ дар ҳисоботи молиявӣ ҷиҳати рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ пешниҳодшуда бо далелҳои қатъӣ асоснок карда шудаанд. Хулосаҳои таҳиягардида фарогири натиҷаҳои илмии таҳқиқот буда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар асоси таҳлили муносиби маводи таҳқиқӣ омода карда шудаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, баррасии натиҷаҳо, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии кор 186 саҳифаи матни компютериро ташкил дода, расмҳо ва ҷадвалҳои зиёд, рӯйхати адабиёти дорои 148 номгӯйро дар бар мегирад.

Дар боби якуми диссертатсия моҳияти иқтисодии мафҳуми «воситаҳои асосӣ» ҳамчун объекти баҳисобгирии муҳосибӣ аниқ карда шудааст (саҳ. 13-28), усулҳо ва методологияи баҳодиҳӣ ва азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ таҳқиқ шуда (саҳ. 29-47), инчунин хусусиятҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди СБҲМ муайян ва арзёбӣ карда шудаанд (саҳ. 48-65).

Ҷиҳати ҷолиби бахши назариявии таҳқиқот ин аст, ки тафовути мафҳумҳои бо баҳисобгирии воситаҳои асосӣ алоқаманд муайян карда шудааст. Муаллиф мафҳумҳои «сармоя» (сармояи худӣ ва ҷалбгардида), «сармояи асосӣ» ва «фондҳои асосӣ»-ро дар қаринаи мавзуи диссертатсия таҳқиқ намуда, алоқамандии мантиқии онҳоро бо мафҳуми «воситаҳои асосӣ» аз нигоҳи худ муайян карда, онро дар шакли тарҳ тасвир намудааст (саҳ. 19, расми 1.1). Ҳамчунин ӯ дар баробари таҳқиқи дигар равишҳо доир ба тафсири мафҳуми воситаҳои асосӣ таърифи муаллифии ин мафҳумро овардааст (саҳ. 22, ҷадвали 1.1), ки ба шароити муосири пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва татбиқи стандартҳои байналмилалӣ мувофиқ аст.

Муаллиф усулҳои муосири баҳодиҳӣ ва азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ, инчунин равишҳои гуногунро оид ба таснифи намудҳои арзиши

воситаҳои асосӣ таҳқиқ намуда, дар ин асос оид ба корбурди арзиши одилона дар баҳодиҳии воситаҳои асосӣ тавсияҳои муносиб пешниҳод кардааст. Ба андешаи ӯ, маҳз арзиши одилона барои инъикоси вокеъбинонаи арзиши объектҳои воситаҳои асосӣ муносиб буда, истифодаи он ҳангоми ба баҳисобгирии муҳосибӣ қабул кардани объектҳои воситаҳои асосӣ мақбул аст (саҳ. 43).

Дар боби дуюми диссертатсия вазъи баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва имконияти рушди минбаъдаи он муайян карда шудааст (саҳ. 66-82), мушкилоти баҳисобгирии муҳосибии таъмини молиявии барқарорсозӣ ва навкунии воситаҳои асосӣ ошкор ва арзёбӣ карда шуда (саҳ. 83-99), шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ дар баҳисобгирии идоракунии воситаҳои асосӣ таҳқиқ карда шудааст (саҳ. 100-114).

Муаллиф қайд намудааст, ки имрӯз вобаста ба баҳисобгирии воситаҳои асосӣ масъалаи мухолифати баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз яке аз мушкилоти асосӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳо мебошад, зеро арзиши воситаҳои асосӣ ба бузургии уҳдадориҳои корхонаҳо, ки вобаста ба андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ пайдо мешаванд, таъсир мерасонад (саҳ. 71-72).

Муаллиф вазъи баҳисобгирии воситаҳои асосиро дар партави муқаррароти СБҲМ, талаботи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии амалкунанда таҳқиқ намуда, дуруст қайд кардааст, ки мушкилоти робитаи байниҳамдигарии баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз дар тамоми корхонаҳо - супорандагони андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ вуҷуд доранд. Ӯ тасдиқ мекунад, ки баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ҳамчун пойгоҳи иттилоотӣ барои идоракунии воситаҳои асосии корхонаҳо ва таъмини истифодабарандагон бо иттилооти зарурӣ дар бораи воситаҳои асосӣ аҳамияти назаррас дорад (саҳ. 82-83).

Дар диссертатсия ба яке аз бахшҳои муҳим ва дорои мушкилоти баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ – баҳисобгирии барқарорсозӣ ва таъмири воситаҳои асосӣ диққати ҷиддӣ дода шудааст. Муаллиф мушкилоти дар баҳисобгирии барқарорсозӣ ва таъмири воситаҳои асосӣ мавҷудбударо таҳқиқ намуда, бо назардошти муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳалли онҳо тавсияҳои мушаххас пешниҳод кардааст. Аз ҷумла, тавсияҳои муаллиф оид таснифи дурусти корҳои барқарорсозӣ ва таъмири воситаҳои асосӣ, ба хароҷот соқит кардани арзиши корҳои барқарорсозӣ ва таъмир (саҳ. 88-93) ҷолиб мебошанд. Ӯ тасдиқ мекунад, ки дуруст ба роҳ мондани баҳисобгирии барқарорсозӣ (таъмир)-и воситаҳои асосӣ омили муҳимтарини таъмини истифодаи самараноки воситаҳои асосӣ дар шароити муосир мебошад.

Дар боби сеюми диссертатсия масъалаҳои такмили сиёсати истеҳлок дар корхонаҳо ва мутобиқсозии он ба шароити корбурди СБҲМ баррасӣ гардида (саҳ. 115-134), роҳҳои такмили раванди ташаккули иттилооти ҳисоботӣ дар бораи воситаҳои асосӣ муайян карда шудаанд (саҳ. 135-156).

Муаллиф дар асоси таҳлил ва арзёбии шароити корбурди усулҳои ҳисобузам кардани истеҳлок, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи онҳоро иҷозат медиҳад, тасдиқ мекунад, ки онҳо азнавсозии пурраи воситаҳои асосиро дар шароити таваррум таъмин карда наметавонанд. Ӯ барои ҳалли масъалаи мазкур корбурди усули истеҳлоки босуръатро тавсия медиҳад (саҳ. 129). Ҳамчунин пешниҳоди муаллиф дар бораи он ки ҳангоми мукаррар кардани мухлати истеҳлок муҳлати истифодаи нафъовар ва меъёрҳои тарҳҳои истеҳлок дар асоси шароити техникии объектҳои воситаҳои асосӣ ва ба инобат гирифтани амалияи байналмилалӣ муайян карда шаванд, ҷолиб мебошад.

Нуктаи аз ҷиҳати амалӣ ҷолиби диссертатсия ин аст, ки бо истифода аз маълумоти намунавӣ методикаи ҳисобкунии маблағи истеҳлоки воситаҳои асосӣ бо назардошти арзиши барҳамдиҳӣ таҳия карда шудааст (саҳ. 141, ҷадвали 3.2). Умуман, муаллиф вобаста ба корбурди арзиши барҳамдиҳӣ дар баҳисобгирии воситаҳои асосӣ пешниҳод ва тавсияҳои хуб таҳия намудааст (саҳ. 18-20).

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**. **Аҳамияти илмии диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки муқарраროти назариявии дар он таҳиягардида метавонанд ҳамчун саҳми муҳим дар ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ муаррифӣ шаванд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар истифодаи муқаррарот ва тавсияҳои аз натиҷаи он пешниҳодгардида аз ҷониби маъмурияти корхонаҳои тиҷоратӣ барои татбиқ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ ифода меёбад. Дар мавриди аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бояд қайд кард, ки бо татбиқи онҳо самаранокии иқтисодию иҷтимоии идоракунии субъектҳои иқтисодӣ дар асоси рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ баланд шуда метавонад. Ҳамчунин ҷиҳатҳои алоҳидаи таҳқиқот метавонанд дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо самти ихтисоси «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит» истифода шаванд.

**Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот.** Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар низомҳои баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои тиҷоратӣ имкон медиҳад, ки сифати иттилоот дар бораи воситаҳои асосӣ ва амалиёт бо онҳо, ки тавассути ҳисоботи молиявӣ ба истифодабарандагони берунӣ ва роҳбарияти корхона пешниҳод карда мешавад, беҳтар гардад ва дар натиҷа қарорҳои самаранок оид ба идоракунии пойгоҳи техникии истеҳсолот қабул карда шаванд. Қабули қарорҳои идоракунии самаранок ба баланд шудани самаранокии иқтисодии фаъолияти корхона оварда, ҳамчунин ба беҳгардии натиҷаҳои молиявии он мусоидат мекунад.

**Аҳамияти иҷтимоии таҳқиқот.** Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ба беҳгардии сифати иттилоот оид ба воситаҳои асосӣ

мусоидат карда, имкон медиҳад, ки истифодабарандагони ин иттилоот, аз ҷумла роҳбарият ва соҳибмулкони корхонаҳои тиҷоратӣ дар самти идоракунии пойгоҳи техникии истеҳсолот қарорҳои самаранок қабул кунанд. Идоракунии оқилонаи пойгоҳи техникии истеҳсолот ба афзоиши натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона меоварад, ки дар натиҷа вазъи иҷтимоии кормандон, роҳбарият ва муассисони корхона беҳтар мегардад.

Довталаби дараҷаи илмӣ татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар бобҳо ва параграфҳои алоҳида мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Ҷиҳатҳои асосии диссертатсия бо мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ ифшо ва манзур гардидаанд. Доир ба мавзуи таҳқиқот аз ҷониби муаллиф 26 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 10,5 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 8,5 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба нашр расонида шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур дар мавзуи «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ» таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, сохтор ва муҳтавои он ба талаботи сазовор донистани довталабони дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, омода намудани диссертатсия, ташхиси диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамчунин диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сазовор донистани довталабон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, омода намудан ва санҷиши кори диссертатсионӣ дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Диссертатсия бо забони сода ва фаҳмо навишта шуда, ба меъёрҳои ороиши корҳои илмӣ ҷавобгӯ аст, тағйиротро талаб намекунад. Автореферати диссертатсия, мақолаҳои аз ҷониби муаллиф доир ба мавзуи он нашршуда муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос мекунанд. Натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

## Эродҳо доир ба диссертатсия

Дар баробари бартариҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд ки вобаста ба онҳо баъзе эродҳоро ба довталаби дараҷаи илмӣ манзур менамоем.

1. Муаллиф дар параграфҳои 1.1 ва 1.2 ақидаҳои олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷиро оид ба тафсири мафҳумҳои бо баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ алоқаманд тавассути иқтибосҳо аз адабиёт овардааст, вале на дар ҳама ҳолатҳо фикри худро доир ба иқтибосҳои овардашуда пурра манзур кардааст.

2. Аз муҳтавои диссертатсия ва бобҳои он бармеояд, ки объекти таҳқиқот баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ мебошад. Лекин, тавре маълум аст, воситаҳои асосӣ дар муассисаҳои буҷетӣ низ объекти муҳими баҳисобгирии муҳосибӣ ва унсури ҳисоботи молиявӣ мебошанд. Хуб мебуд, агар дар таҳқиқот масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар муассисаҳои буҷетӣ низ ба таҳқиқ фаро гирифта мешуданд.

3. Дар ҳама бобҳои диссертатсия доир ба мафҳуми истеҳлоки воситаҳои асосӣ қисмати зиёди матн ҷудо карда шудааст. Дар баъзе ҳолатҳо, пайвастагии мантиқии корбурди мафҳуми мазкур бо моҳияти масъалаи баррасишаванда на он қадар муносиб аст.

4. Дар матни диссертатсия мафҳум ё вожаи «гузарониш» зиёд истифода шудааст ва тавре аз қаринаи матн бармеояд, он ҳамчун вожаи русии «проводка» ба кор бурда шудааст, ки ҳануз ҳам дар забони муоширати муҳосибон ба ҳамин шакл истифода мешавад. Аммо дар матни диссертатсия ин вожа шарҳ дода нашудааст. Оё ин вожа дар забони муҳосибӣ ва адабиёти соҳа пойдор шудааст, ки муаллиф аз шарҳи он худдорӣ кардааст?

5. Хуб мебуд, агар аз натиҷаи ҳар як боб хулосаҳо таҳия мешуданд.

6. Дар матни диссертатсия мавҷуд будани хатоҳои имло ва хатоҳои техникӣ ба назар мерасад, инчунин дар баъзе мавридҳо (хусусан дар боби 2) вайроншавии пайвастагии мантиқии назария ва амалия мушоҳида мешавад.

Камбудиҳои номбаршуда муҳим набуда, ба сифат ва арзиши илмии диссертатсияи тақризшаванда таъсир намерасонанд.

**Хулоса.** Диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур дар мавзуи «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) пешниҳод шудааст, ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани диссертатсия

барои дарёфти дараҷаи илмии фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос ҷавобгӯ буда, дар сатҳи зарурӣ омода гардидааст ва таҳқиқоти илмии ба итмомрасида мебошад.

Автореферати диссертатсия мақсад ва муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос намуда, тибқи талаботи мавҷудбуда таҳия карда шудааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур дар мавзуи «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ» ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) арзанда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи баҳисобгирии
бухгалтерии Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Дадоматов Д.Н.

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, мкр-н 17, бинои 1. Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Тел.: +992 (3422) 23811, факс: +992 (3422) 25170, почтаи электронӣ: tsulbp@rambler.ru

**Имзои д.и.и., дотсент Дадоматов Д.Н.-ро тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Мирпочоев И.Ҳ.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

14.05.2024 с.